# ТОҶИКИСТОН ВАТАНИ НАВРӮЗ АСТ!

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

19 марти соли 2025

№ 5-6 (223-224)

## НАВРӮЗ ЭҲЁШАВИИ ДУБОРАИ ТАБИАТ АСТ

### Таманниёти ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ба муносибати ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ

**Омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни азиз!**

Ҳамаи шуморо ба муносибати куҳантарин ва бузургтарин ҷашни миллиамон, яъне Наврӯз, ки воқеан ҳам ҷашни баҳор ва эҳёи табиат аст, аз номи раёсати донишгоҳ самимона табрик гуфта, бароятон саломатӣ ва дар кору фаъолиятатон, ки хеле заҳматталаб аст, барору комёбӣ орзу менамоям.

Тавре аз сарчашмаҳои муътамад бармеояд, ҷашни Наврӯз дар заминаи андешаҳои амиқу пурвусъат ва ҷаҳонбиние бунёд шудааст, ки сабаби пойдории ҳувияту ҳастии мардум, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои миллиамон то ба ин рӯз гардидаанд. Наврӯз ҷашни сирф табиӣ, рамзи бедории табиат, пайванди ногусастаниву ҷовидонаи инсон бо табиат ва пайки шодиву сурури хурду бузурги мардум мебошад.

Дар раванди таърих Наврӯз нахуст қадимтарин ва дақиқтарин ҷашни соли нав ё ба таъбири аллома Абӯрайҳони Берунӣ "Пешонии соли нав" мебошад. Олимону муҳаққиқони забардаст Наврӯзро ҳамчун ҷашни тавҳид, ягонагии инсон ва созандагӣ эътироф кардаанд, ки он ба ягон дину мазҳаб робита надорад.

Боиси ифтихор аст, ки Наврӯз бо ташаббуси Тоҷикистон, бахусус, ҷаҳду талошҳои Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии сарони кишварҳои Наврӯзро таҷлилкунанда мақоми байналмилалӣ гирифт ва имрӯз ин калимаи асили тоҷикӣ, яъне “рӯзи нав” барои миллионҳо аҳолии сайёра ҳамчун рӯзи ҷашни фархунда вирди забон аст. Ба ифодаи дигар, Наврӯз ба як омили муҳимтарини паҳншавии фарҳангу тамаддуни куҳанбунёди тоҷикон дар олам табдил ёфтааст.

Наврӯз – рӯзи падид омадани равшанӣ, ғалабаи некӣ бар бадӣ, аз қалбҳо берун кардани кинаву адоват ва бахшидани гуноҳи ҳамдигар, рӯзи меҳрубониву хушбахтӣ, рӯзи таваллуди дубораи табиату инсонҳо, поёни сардиҳо ва оғози фаровонӣ мебошад.

Наврӯз иди поку беолоиши мардумист, ки ба дастурхони ҳар хонадон файзу баракат меорад, аз зиндагии серу осуда мужда мерасонад ва ба кишоварзону деҳқонон кушоиши кор ато менамояд.

Боиси ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикистонист, ки маҳз истиқлолият Тоҷикистонро бо ҷаҳон ва ҷаҳонро бо Тоҷикистон шиносонид. Ба шарофати ин неъмати бебаҳо, яъне соҳибистиқлолӣ ҷашну ойинҳои миллӣ дубора эҳё гардиданд, ки Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада аз ҷумлаи онҳо буда, бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта мешаванд.

Мусаллам аст, ки мардуми мо аз замонҳои қадим ҷашни сари сол – Наврӯзро пеш аз ҳама, бо дилу нияти пок, яъне бо ботини тоза, сипас бо зоҳири ороста, яъне сару либоси тозаву озода истиқбол мегирифтанд ва ҳамеша умед доштанд, ки қадами соли нав бо файзу баракат шавад. Хушбахтона, ин русуми хуби наврӯзӣ имрӯз низ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ривоҷи тоза пайдо кардаанд.



Асолати иҷтимоиву ахлоқии Наврӯз хеле бузург буда, он нишонаи пешрафти тафаккури бунёдкоронаи халқ мебошад, зеро Наврӯз рамзи рӯзи нав, ибтидои соли нав ва иқдому амалҳои нави ободонию тозакориҳост.

Тавре Пешвои муаззами миллат иброз доштанд: “Мо бояд пайваста кӯшиш намоем, ки хонаву кошона, маҳалли зист ва ҷойи кори худро ҳамеша ороставу зебо нигоҳ дорем, зебоипарастӣ, озодагиву тозакорӣ ва ободониро ба одати доимии хурду бузурги мамлакат табдил диҳем, то ин ки тамоми гӯшаву канори Тоҷикистони азизи мо дар ҳамаи фаслҳои сол ба наврӯзгоҳи ҳақиқӣ табдил ёбад ва ҳар рӯзи Тоҷикистон мисли Наврӯз бошад”




Бовар дорам, ки шумо омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни гиромӣ, дар татбиқи чунин суханони Сарвари давлат ва дигар дастуру ҳидоятҳояшон, ки баҳри пешрафт, зиндагии шоистаи мардум ва ободиву шукуфоии кишвари азизамон нигарониданд, саҳми арзишманд мегузоред.

Бо чунин ниятҳои нек бори дигар ҳамаи шумо омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёнро ба ифтихори Соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи байналмилалӣ ва ҷашни баҳор табрик мегӯям.

Бигзор, Наврӯз ба кишвари мо – Тоҷикистони биҳиштосо, ки ватани Наврӯз мебошад, сарсабзиву хуррамӣ, ободиву пешрафт. таҳкими минбаъдаи сулҳу субот ва болоравии обрӯву нуфузи ватани маҳбубамонро ба армуғон оварад!

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҶАҲОНИШАВИИ ҶАШНИ НАВРӮЗ

**Наврӯз баёнгари тафаккури таърихӣ, симои маънавӣ, орзую ормон, расму ойин, ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии миллатамон буда, дар тули мавҷудияташ арзишҳои фарҳангию миллии моро дар таркиби худ ҳифз кардааст.**

**Эмомалӣ Раҳмон**




Зери сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати, миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тайи солҳои соҳибистиқлолӣ фарҳанги миллии тоҷикон аз нав эҳё шуда, бо ташаббуси эшон баъзе аз суннатҳои мо дар сатҳи ҷаҳонӣ, чун мероси таърихӣ муаррифию эътироф гардид.

Дар меҳвари сиёсати фарҳангии Роҳбари давлат эҳёи ҷашни Наврӯз, чун мероси бузурги таърихии тоҷикон, мақоми калидӣ дошт ва дорад. Зеро ки дар шинохти эшон Наврӯз на танҳо як ҷашн, балки ҳамчун як оини ҳувиятсозу мафкурасоз ва василаи асосии расидан ба худогоҳии миллӣ дониста мешавад. Ин нуктаро Пешвои миллат дар яке аз суханрониҳояшон чунин иброз дошта буданд: “Ҷашни Наврӯз барои мо – тоҷикон, ки меросбарони мустақими тамаддуни бостонии ориёӣ мебошем, аз қадим то имрӯз як падидаи бисёр қавии ҳувиятсоз, яке аз рукнҳои муҳими худшиносиву худогоҳӣ, унсури ҷудоинопазири фарҳанги миллӣ ва ҷузъи барҷастаи ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносӣ ба шумор меравад”.

Бо дарки ин ҳикмат, зери талошҳои пайвастаю бесобиқаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 1993 инҷониб, барои эҳё ва ҷаҳонӣ гардидани иди миллии ниёгонамон – Наврӯз иқдомҳои зиёде роҳандозӣ шудааст. Гуфтан мумкин аст, ки маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ ҷашни Наврӯз қабои наврo ба бар карда, чун ҷашни ҷаҳонӣ таҷлил гардид.

Агар ба таърихи ташаккули Наврӯз назар андозем он бо эҳё гардидани табиат дар баҳорон, ки пас аз зимистон фаро мерасад, вобаста аст.

Бояд гуфт, ки дар баъзе аз матнҳои куҳан, аз ҷумла “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсии Тусӣ, Таърихи Табарӣ, “Ал-тафҳим” ва ғайраҳо шоҳ Ҷамшед ё ин ки Каюмарс ба унвони поягузори Наврӯз муаррифӣ шудаанд.

Абурайҳони Берунӣ донишманд ва олими қарни даҳум дар китоби худ “Осор- ул- бокия” аз забони Алӣ бинни Яҳё навиштааст, ки “Рӯзи Наврӯз ягона рӯзест, ки тағйирнопазир аст” ва дар китобаш “Ал- тафҳим” менигорад, ки “нахустин рӯз аст аз Фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат рӯзи нав кардaнд, зеро ки нишонии соли нав аст”.

Дар таърихи адабиёти форсизабон асосгузори назми классикии тоҷику форс Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамчун васфи баҳор ва ҷашни Наврӯз ба шумор меравад. Ҳамасрони ӯ низ дар васфи сабзаву баҳор, манзараҳои ҷолиби табиат баҳория ва шеъру достонҳои зиёд иншо намудаанд.

Ба андешаи муҳаққиқону фолклоршиносон расму суннатҳои наврӯзӣ ҳанӯз пеш аз дини ислом, аз давраи зардуштиён барои ояндаҳо ёдгор мондааст. Миллати тоҷик ба монанди қавму миллатҳои дигари ҷаҳон дар тӯли таърих ба хазинаи тамаддуни башарӣ ганҷи бебаҳо ворид карда, барои арҷ гузоштан ба ҳифзи ин фарҳанги воло ҷонбозиҳо намудааст.

Баъди ин ҳама муборизаҳои қавмӣ-фарҳангӣ Наврӯз бо ҳама расму суннатҳояш дар замири қалби мардуми тоҷик зинда монд ва ҳатто баъди истилои аҷнабиёни арабу муғул, ки руҳи миллии гузаштагонамонро шикаста натавонистанд, онро бо номи аслиаш, яъне Наврӯз пазируфтанд.

Пас аз соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон маҳз бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сарзамини тоҷикон Наврӯз шукуҳи дигареро касб кард. Бо талошҳои ин марди асили фарҳангдӯст нақшу мақоми Наврӯз дар тамаддуни ҷаҳонӣ аз доираи Шарқ берун баромада, ба олам роҳ ёфт. Аз иди сари сол ба ҷашни миллӣ табдил ёфт ва мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Бо дарназардошти андешаҳои баёнгардида возеҳ аст, ки Наврӯз ифшогари тафаккури таърихӣ, симои маънавӣ, сиришти ахлоқӣ, орзую ормон, расму оин, ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии халқи тоҷик махсуб ёфта, дар тӯли мавҷудияташ арзишҳои фарҳангии миллии моро дар худ ҳифз кардааст. Ҷашни Наврӯз ва мақоми байналмилалиро соҳиб шудани он шаҳодат аз он медиҳад, ки ин миллат, миллати соҳибтамаддун ва наврӯзоин дар тӯли таърихи худ нақши тамаддунофар ва ҳидоятгар доштааст. Дар баробари ҳамаи ин, Наврӯз тарғибгари ростӣ, сарҷамъӣ ва дӯстӣ мебошад.

Истиқлоли давлатии Тоҷикистон барои густариши Наврӯзи фархундапай имконияти мусоид ва фарогир ба вуҷуд овард. Ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон анъанаву суннатҳои миллӣ эҳё гаштаву умри дубора дарёфтанд: “Мо дар баробари дигар миллатҳои соҳибфарҳанги олам ҳуқуқи таърихию маънавӣ дорем, ки тамаддуни гузаштаи хешро омӯзем, аз таҷрибаи таърихии ниёгони худ баҳравар шавем, беҳтарин падидаҳои ҳаётбахши онро бо истифода аз дастовардҳои нав дар пешрафту камолоти худ ва сарсабзии фарзандонамон истифода намоем”.

Боиси ифтихор аст, ки баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ин ҷашни суннатӣ аз нав эҳё гардид ва ба иди умумимиллию байналмилалӣ табдил дода шуд ва дар таҳкими пояҳои давлатдори навини кишвар, инъикоси симои миллӣ, тақвияти худшиносиву худогоҳӣ, пойдории ваҳдат ва болоравии ифтихори миллии мардум нақши муассир гузошт.

**Наврӯзи аҷам зинда кунад,**
**хоки куҳанро,**
**Аз нав бикунад ҷома ба тан боғу**
**чаманро.**
**Аз партави хуршед замин гарму**
**чаман гарм,**
**Аз ҳиммати найсон дили деҳқони**
**Ватан гарм.**

**Нурова Кубриё Алифовна,**
**дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ**

# НАҚШИ НАВРӮЗ ДАР МУАРРИФИИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ, РАСМУ ОИНҲО ВА АРЗИШҲОИ ИҶТИМОӢ

*Бе ҳеҷ шак, Наврӯз, ки ороста аз зебоиҳои хос ва пайғоми навиди баҳорист, ба унвони рӯзи офариниши ҷаҳон, растохези табиат ва нуктаи эътидоли баҳорӣ ё баробаршавии шабу рӯз дар ҳаёти мардуми ориёӣ, махсусан эронитабор ба фараҳмандтарин рӯйдоди зиндагӣ пайваст мебошад. Зеро Наврӯз яке аз куҳантарин боварҳои ақвоми эронӣ аст, ки фалсафаи зуҳури он ба бисёре аз қавмҳои дуру наздик нуфӯз кардааст. Ба унвони яке аз ҷашнҳои байналмилалӣ дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид тасвиб гардидани ин рӯз гувоҳ бар он аст, ки доманаи ҳузури ҷашни Наврӯз дар миёни бисёре аз халқияту миллатҳои ҷаҳон тӯли асрҳои зиёде густариш доштааст.*

Наврӯз ҷашнест, ки умеди инсонро ба пирӯзии некӣ бар бадӣ, рӯшноӣ бар торикӣ, гармӣ бар сардӣ қавӣ мегардонад ва одам дар ин рӯз асоси тамоми амалҳои хайрро дар микёси табиату кайҳон тасаввур кардааст.

Ин ҷашни байналмилалӣ на танҳо як ҷашни миллии тоҷикон, балки яке аз мероси фарҳангии башарӣ мебошад, ки бо ривоҷу рушд ёфтан дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон, дар тамоми таърихи башарият нақши муҳим доштааст. Ҷашни Наврӯзи оламафрӯз, ки дар баҳори ҳар сол таҷлил карда мешавад, маросими таҷлил аз эҳёи табиат, эҳсоси навсозӣ ва таҷдид кардани рӯҳияи ҷамъиятиро нишон медиҳад. Наврӯз бо хосиятҳои худ, ки ба ҳунар, фалсафа ва тарзи зиндагии шоиста, расму оинҳои маъмулии мардумӣ ва эҳдои сохтори иҷтимоӣ марбут аст, нақши назаррас дар муаррифии ҳунарҳои мардумӣ, фарҳанг ва тамаддуни башарӣ мебозад.

Наврӯз ҳамчун оғози фасли нави зиндагӣ ба мардум имконият медиҳад, ки дар он таваҷҷӯҳ ба эҳдои аҳду амалҳои нав ба амал ояд. Ин навсозӣ дар ҳунарҳо, аз ҷумла қолинбофӣ, калафсозӣ, сӯзанӣ, нақшкашӣ ва бисёре аз дигар ҳунарҳои мардумӣ таҷассум меёбад. Гуфтан ба маврид аст, ки ин ҷашни воқеан ҳам навидофар дар чанде аз пайдоиши ҳунарҳои асили ниёгонамон, ки ин рӯзҳо аз хурд то бузург ҳама бахри эҳёи он камари ҳиммат бастаанд, нақши назаррас дорад. Наврӯз дар бисёре аз ҷойҳо бо оинҳои хосе таҷлил мешавад, ки ҳар кадоме метавонанд намунаҳои хосе аз ҳунарҳои мардумиро намоиш диҳанд. Масалан, мусиқии анъанавӣ, рутуби хос, расмҳои нақши ҳунарии мардуми ноҳияҳо, ҷашни айшу рангро метавон дар тамоми маросимҳои Наврӯзӣ мушоҳида кард.




Ба хотири гиромидошти ин ҷашни муҳимми оламшумул - Наврӯзи байналмилалӣ бисёре аз шеърҳо ва оҳангҳо бахшида шудааст, ки бо фалсафа ва ҳунарҳои таърихии мардуми куҳанбунёди тоҷикон ва махсусан, миллатҳову қавмиятҳои Осиёи Миёна таваҷҷӯҳ мебошад. Лаззатҳои овозӣ ва маънавияти шеърии мардуми ба ин ҷашн пайвандгардидаро дар муаррифии ҳунарҳои гуногун, ба хусус шеър ва мусиқии мардумии минтақавӣ мебинем.

Наврӯз, ки бо омили навсозӣ иртиботи амиқ дорад, нишон медиҳад, ки ҷомеа ҳамеша бояд қобилияти инкишоф ва ривоҷро дошта бошад. Ба ҳамин тариқ, дар ҷашнҳои Наврӯзӣ, арзишҳои иҷтимоӣ, ҳамбастагӣ ва навгонӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми фарҳангӣ ва тамаддунӣ ба назар мерасанд.

Хуллас, Наврӯз ҳамчун ҷашни шодмонӣ ва эҳёи табиат на танҳо барои мардуми кишварҳои мухталиф, балки барои тамоми ҷомеаи инсонӣ арзишҳои фарҳангӣ ва ҳунарҳо муаррифӣ мекунад. Аз ин рӯ, Наврӯз ба таври амиқтаре бо эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, расму оинҳо, ва арзишҳои иҷтимоии мардуми гуногуни ҷаҳон алоқаманд аст, ки ба кулли тамаддун ва фарҳанги инсонӣ хидмат мекунад.

**Фаррух Маҷидов,**
**муаллими калони кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинг**

## КОНФЕРЕНСИЯИ ҶУМҲУРИЯВӢ

# Саҳми занон дар рушди давлатдории муосири тоҷик

*Дар Конференсияи ҷумҳуриявие, ки 5-уми марти соли равон бо ибтикори раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон баргузор карда шуд, муовини Сарвазири ҷумҳурӣ Мансурӣ Дилрабо Сайдулло, муовини раиси шаҳри Душанбе Одилзода Дилбар, муовини раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Абдуллозода Умеда Бекмурод, раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Тағойзода Сумангул Саид, аъзои Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Бобоҷониён Раънохон Маҳмудзода ва омӯзгорону донишҷӯён ва магистрантони донишгоҳ иштирок намуданд.*




Баъди аз ҷониби ректори донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ муаррифӣ гардидани меҳмонон ва ёдовар шудани ӯ аз саҳми арзишманди занону бонувони кишвар дар пешрафт ва рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа, ғамхориву дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат, бахусус, Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати ин қишри фаъоли ҷомеа, меҳмонони зикргардида дар мавзуъҳои зерин: “Болоравии ҷойгоҳи занон дар замони истиқлол “, “Саҳми занон дар пешрафти ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии шаҳри Душанбе”, “Мақоми сиёсии занон дар сохтори Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон”, “Нақши занон дар рушди демократикунонии ҳаёти ҷомеа” ва “Нақши занон дар рушди парлумони касбӣ” маърӯзаҳои пурмазмун намуданд.




Аз ҷумла гуфта шуд, ки занону бонувони мамлакат дар пешрафт ва ободию шукуфоии Тоҷикистони соҳибистиқлол нақши арзишманд гузошта, дар тамоми соҳаҳо баробари мардон фаъолият карда, ба комёбию муваффақиятҳои беназир соҳиб мегарданд. Имрӯз ягон соҳае нест, ки дар он занону бонувон фаъолият накунанд. Ҳоло дар кишвар 25 фоизи хизматчиёни давлатӣ, 73 фоизи кормандони маориф, 71 фоизи кормандони тиб, 47 фоизи кормандони соҳаи фарҳанг, 37 фоизи олимон ва 30 фоизи соҳибкоронро бонувон ташкил медиҳанд. Беш аз 110 ҳазор нафар зан ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд.

Дар хотимаи конференсия ба як гурӯҳ занону бонувон ва донишҷӯдухтарони фаъол ифтихорномаҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон супорида шуданд.

Дар қисми фарҳангии ҷамъомад ҳунармандони ансамбли “Зуҳал”-и донишгоҳ бо барномаи рангини консертӣ, ки аз рақсҳои ҷаззоб ва суруду таронаҳои ба васфи зан – модар, Ватан, истиқлолият ва сулҳу ваҳдат бахшидашуда мураттаб гардида буданд, хотири аҳли толорро шод намуданд.

**Р. МАСЪУД**

## КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛИИ ҶУМҲУРИЯВӢ

# АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ – КАФИЛИ СОЛИМӢ ВА ДАРОЗУМРӢ

28-уми феврали соли ҷорӣ дар толори асосии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Амнияти озуқаворӣ – кафили солимӣ ва дарозумрӣ” бахшида ба амалишавии ҳадафи Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва эълон шудани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» баргузор гардид.

Конференсияро муовини ректор оид ба илм ва татбиқот, доктори илмҳои техникӣ Яминзода Заррина Акрам ҳусни оғоз бахшида, меҳмонон ва дигар иштирокчиёни конференсияро хайрамақам гуфт ва бо камоли эҳтиром суханро ба ректори донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ во гузошт.

Ректори донишгоҳ зимни маърузаи илмӣ иброз дошт, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз паёмҳояшон ба Маҷлиси Олӣ дастёбӣ ба истиқлолияти озуқаворӣ ва амнияти ҷумҳуриро яке аз ҳадафҳои стратегии давлат номида буданд. Дар ин самт, – афзуд ӯ, – бахши дигари муҳимми иқтисодиёти миллӣ - кишоварзӣ мебошад, ки аз сатҳи тавсеаи он асосан амнияти озуқавории кишвар вобастагӣ дошта, новобаста аз афзоиши талабот ба молу маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, роҳбарияти Ҳукумати ҷумҳурӣ тавассути барномаҳои давлатӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ, аз тамоми захираю имкониятҳо самаранок истифода бурда, рушди манбаъҳои соҳаи кишоварзиро таъмин менамоянд.

Пешвои муаззами миллат зимни Паёми навбатиашон (28.12.2024) ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати кишоварзӣ ва вазорату идораҳои дахлдор супориш доданд, ки дар шароити болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сатҳи таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ барномаи амнияти озуқавории кишварро барои панҷ соли оянда қабул ва амалӣ намоянд.







Ректори донишгоҳ нақши донишгоҳҳо ва муассисаҳои илмро дар омӯзиш, таҳлил ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда муҳим арзёбӣ намуда, иброз дошт, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки яке аз донишгоҳҳои пешбари омодасозии мутахассисони баландихтисос дар соҳаи саноати хӯроквори мебошад, дар доираи талаботи барномаҳои таълимӣ ва илмӣ, аз рӯйи 9 ихтисос мутахассисони соҳаҳои муҳимми технологияи хӯроквори, назорати сифат, бехатарии озуқаворӣ ва дигар самтҳои марбутро омода мекунад. Боиси ифтихор аст, ки 90 дар сади хатмкунандагони донишгоҳ бо ҷои кор таъмин шудаанд. Дар назди корхонаҳои истеҳсолӣ филиали 17 кафедраи донишгоҳ фаъолият мекунад, ки ин барои такмили маҳорату малакаи касбии донишҷӯён мусоидат менамояд. Раёсати донишгоҳ барои дар сатҳи зарурӣ омода намудани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва берунаи кишвар ҷавобгӯ нақша – чорабиниҳо таҳия намуда, онҳоро пайгирона амалӣ намуда истодааст.

Дар суханронии муовини директори КВД «Хӯрокворӣ»-и Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон – Солеҳзода Умед доир ба дастовардҳои соҳаи саноат, афзудани корхонаҳои истеҳсоли орд, содироти маҳсулоти ватанӣ ба хориҷи кишвар, аз ҷумла ИМА, давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ва бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардонидани корхонаҳои истеҳсолӣ ибрози андеша карда шуд.

Муовини директори Агентии стандартизатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – Рустамзода Малоҳат Рустам зимни суханронӣ андешаҳояшро доир ба аҳамияти риояи стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ дар истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ, бехатарии маҳсулот, аз ҷумла маҳсулоти ширӣ, гӯштӣ, хӯрокворӣ, роҳҳои пешгирии маҳсулоти пастсифат, бахусус, маҳсулоти мӯҳлати истеъмолашон гузашта, инчунин фаъолияти соҳибкорони поквиҷдону ташаббускор ва бархе аз бемасъулони ин самт баён намуд.

Сипас, доктори илмҳои химия, профессор, ходими калони илмии Институти химияи ба номи В.И. Никитини АМИТ Зайнидин Муҳидинов дар мавзуи “Бехатарии озуқаворӣ дар истеҳсоли шарбати меваҳо”, доктори илмҳои тиб, профессор, мушовири илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии “Ғизо”-и назди Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ҷаҳон Азонов дар мавзуи “Бехатарии ғизо – омили солимии инсон” ва и.в. профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Икромӣ Муҳаббат Бобоевна дар мавзуи “Моддаҳои фаъоли биологии ашёи хоми растании маҳаллӣ дар таъмини сифат ва бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ” суханронӣ намуданд.

**Р. ШАРИФ**

# ИФТИТОҲИ МАРКАЗИ ТАЪЛИМИИ ЗАБОНИ КОРЕЯГӢ ВА ОМОДАСОЗИИ КАСБИИ НАЗДИ ДТТ

**Санаи 28-уми феврали соли 2025 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон маросими ифтитоҳи Маркази таълимии забони кореягӣ ва омодасозии касбии назди донишгоҳ баргузор гардид.**

Дар қисмати ифтитоҳии он ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, муовини якуми вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонзода Исоҷон Ятим, директори Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабов Ҷума Абдулҳаевич, собиқ сафири Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Квон Ҷонг Сок, директори Маркази таълимии забони кореягӣ ва омодасозии касбии назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Сео Ҷонг Хюн иштирок ва суханронӣ намуданд.

Ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ меҳмононро хайрамақдам гуфта, таъсиси чунин як марказро муҳимму муфид арзёбӣ карда, тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз касби Истиқлоли давлатӣ бо ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон



муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти сиёсати хориҷии хеш “Сиёсати дарҳои боз”-ро пеш гирифт, ки тибқи он ҳар кишваре ба манфиатҳои миллии мо эҳтиром мегузорад ва муносибати мутаносибу мувозинро пайгирӣ мекунад, равобиту ҳамкориҳо бо он ба роҳ монда мешаванд. Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ чунин сиёсати озмудашуда ба кишварҳои дуру наздик ба роҳ монда шуд.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҷиҳати ҳамкориҳои илмиву таълимӣ, табодули академӣ ва таҷрибавиро бо донишгоҳу донишкадаҳо ва корхонаҳои Ҷумҳурии Корея ба роҳ мондааст ва тайи солҳои охир якчанд лоиҳаҳои ҳамкориро бо ин кишвари дӯст амалӣ гардонида истодааст.

Ҳамчунин мавсуф ёдовар шуд, ки дар ин замина донишгоҳ бо мувофиқа ва мусоидати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти густариши ҳамкориҳо бо ташкилоту созмонҳои кореягӣ, Ёддошти тафоҳуми сеҷониба байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтори зертобеи вазорат - Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Корпоратсияи EFC-и Ҷумҳурии Корея ба имзо расонида буд. Моҳияти ин санад таъсиси фаъолияти Маркази таълимии забони кореягӣ ва омодасозии касбии назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро дар бар мегирифт.



Дар идома ректори донишгоҳ зикр кард, ки ҳадафи таъсиси Маркази мазкур фароҳам овардани шароити мусоид барои омӯзиши забони кореягӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки мутобиқшавии ҷавононро ба муҳити нави касбӣ ва ғайрикасбӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ тавассути таълиму тадрис ба роҳ монда, ҷиҳати баланд бардоштан ва беҳтар намудани сифати зиндагии онҳо тариқи фаъолият дар ширкату корхонаҳои Ҷумҳурии Корея мусоидат менамояд.

Муовини якуми вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонзода Исоҷон Ятим зимни суханронӣ меҳмонони олиқадри аз Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ ба Тоҷикистон ташрифовардаро хушомадед гуфта, ифтитоҳи маркази мазкурро барои рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи ду кишвари бо ҳам дӯст амали муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ намуд. Маркази таълимии зикргардида, – гуфт ӯ, – метавонад соле то 800 нафарро ба тариқи ройгон қабул намояд.

Директори Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабов Ҷумахон Абдулҳаевич ифтитоҳи Маркази таълимиро як падидаи нек хонда, онро ҷиҳати рушди муҳоҷирати меҳнатии қонунӣ як уфуқи тозае номид. Маркази таълимии забони кореягӣ ва омодасозии касбии назди ДТТ, – суханашро давом дода гуфт ӯ, – худи ҳамин сол сафарбаркунӣ ба Ҷумҳурии Кореяро ба роҳ мемонад. Шахсоне, ки курси забономӯзиро мегузаранд, ба муҳлати панҷ сол ба кор ба тариқи ройгон фиристода мешаванд.

Директори Маркази таълимии забони кореягӣ ва омодасозии касбии назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҷаноби Сео Ҷонг Хюн суханронӣ карда, ҷиҳати ҳамкориҳои судманди тарафайн изҳори қаноатмандӣ намуд ва ба ҳозирин барои ширкаташон дар маросими ифтитоҳи маркази зикргардида сипосгузорӣ кард. Ҳамчунин қайд намуд, ки Маркази болозикр метавонад забони кореягиро барои ҳаводорони забони кореягӣ ба сатҳи баланд омӯзонад ва онҳоро дар касбҳои гуногуни талаботи замон чун мутахассисони соҳибтахассуси сатҳи байналмилалӣ омода созад, то онҳо ба талаботи бозори меҳнати Ҷумҳурии Корея ҷавобгӯ бошанд.

Бо итминон метавон гуфт, ки оғози фаъолияти Маркази таълимии забони кореягӣ ва омодасозии касбии назди ДТТ қадами наве дар самти тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба буда, барои сафарбарнамоии сокинону шаҳрвандони кишвари азизамон ҷиҳати дарёфти ҷойҳои кории расмӣ дар Ҷумҳурии Корея ёрии амалӣ мерасонад.

Ҳамчунин ба ин васила дар кам шудани муҳоҷирати меҳнатии ғайриқонунӣ дар кишварҳои пасошуравӣ мусоидат намуда, барои таҳкими дӯстӣ ва ҳусни тафоҳум байни халқҳои Тоҷикистону Корея як падидаи наве хоҳад буд.

**М. БОҚИЗОДА,**
**мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш,**
**Л. НАБИЕВ,**
**мудири шуъбаи идеологӣ, таҳлил ва тарғибот**

# РӮЗИ ДАРҲОИ КУШОДА

Раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо мақсади ҷалби бештари хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, гимназияҳо ва коллеҷу литсейҳо ба донишгоҳ тадбирҳои зарурӣро амалӣ мегардонад, ки яке аз онҳо баргузории “Рӯзи дарҳои кушода” мебошад.

Дар чорабиние, ки санаи 15-уми марти соли ҷорӣ ба ин муносибат баргузор карда шуд, довталабон бо заминаи моддию техникӣ, шарту шароити таҳсил, аз ҷумла иқтидори кадрӣ, синфхонаҳои компютерӣ, озмоишгоҳҳо, марказҳои таълимӣ, парки технологӣ, толори варзишӣ, китобхонаи илмию электронӣ, хобгоҳи замонавии ба талабот ҷавобгӯ ва гулгаштҳои зебои донишгоҳ шинос гардиданд.

Сипас, аз ҷониби ансамбли “Зуҳал”-и донишгоҳ барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барномаи фарҳангӣ-фароғатӣ баргузор карда шуд, ки он то дер боз дар хотири иштирокчиён боқӣ хоҳад монд.







## САҲИФАИ ФИЛИАЛИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАҲРИ ИСФАРА

**Дар ҳошияи Паём**

# САРҶАМЪИВУ МУТТАҲИДӢ МИЛЛАТРО БА САОДАТУ КОМГОРӢ МЕБАРАД

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қадамҳои устувор ба марҳилаи нави таърихӣ, яъне аз давлатсозӣ ба давлатдории миллӣ устуворона ворид мешавад. Дар давоми 34 соли соҳибистиқлолӣ мамлакати мо таҳти роҳнамоии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ба дастовардҳои азими иқтисодиву иҷтимоӣ ноил гардид. Мусаллам аст, ки дар татбиқи барномаву стратегияҳои давлатӣ нақши Паёми Сарвари давлат чун барномаи амал хеле бузург аст. Ин ҳуҷҷати раҳнамо шуруъ аз соли 2000 –ум оғоз ёфта, то инҷониб ҳар нуктаву банди он собитқадамона иҷро мешавад.

Паёми навбатии, Президенти мамлакат ки фарогири таҳлили ҳама соҳаҳо буд, бисёр мушикофона бо овардани мисолҳои возеҳ шарҳу тафсир дода шуд. Аз ҷумла зикр шуд, ки "...дар доираи нақшаи зикргардида дар се соли охир дар мамлакат беш аз 1500 иншооти соҳаи маориф, яъне муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, 660 иншооти соҳаи тандурустӣ, 480 иншооти варзиш, 175 иншооти фарҳангу фароғат ва ҳазорҳо иншооти дигари истеҳсоливу иҷтимоӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд".

Воқеан ҳам дар сиёсати давлатии Пешвои муаззами миллат баланд бардоштани вазъи иҷтимоии сокинон, беҳбудии соҳаи мактабу маориф, тандурустӣ ва ба ин васила таъмин намудани зиндагии шоиста ба мардум ҷойгоҳи хоса дорад. Дар иҷрои ин рисолати бузург Сарвари давлат, пеш аз ҳама, ба аҳли зиё, омӯзгорону табибон ва ба қишри пешрави ҷомеа – ҷавонон ва бонувон такя мекунанд.

Дар урфият мегӯянд, ки ҳар чи киштӣ, ҳамонро медаравӣ. Яъне он таваҷҷуҳу ғамхориҳои Пешвои адабпарвари мо самар оварда, имрӯз дараҷаи савод, ҷаҳонбинӣ, ҳунару малакаи аҳли ҷомеа хеле боло рафтааст. Калиди ин ҳама пешравиҳо минбари васеъ кушодан ба нафароне, ки воқеан ҳам илмдӯст ҳастанду аз пайи мукаммалгардонии дониш шуғл меарзанд, мебошад. Таъсиси озмунҳои ҷумҳуриявӣ, ҷоизаҳои давлатӣ, қадршиносии олимони ҷавон худ шаҳодатгари он аст, ки давлат дар масири тарбияи кадрҳои соҳибтахассус устуворона пеш меравад.

Алҳол пешорӯйи мамлакати мо пешбурди саноати сабук, таҳким бахшидани иқтидори истеҳсолӣ, самаранок истифода бурдани неруи зеҳнӣ, дастгирии олимону коршиносоне, ки дар самти ихтироъву навоварӣ саҳмгузор ҳастанд, мебошад.

Ба андешаи Пешвои муаззами миллат, танҳо миллати босавод метавонад мероси гаронбаҳоро баояндагон боқӣ гузорад. "Яъне то вақте ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйинашаванда боқӣ хоҳанд монд".

Хуб, чӣ бояд кард, ки имрӯз неруи зеҳнӣ бар нафъи миллат дуруст корбурд шавад. Аввалан, ба андешаи мо, муассисаҳои таълимии хоси равияҳои риёзиву илмҳои дақиқро бамаротиб зиёд кардан лозим аст. Дар ин гуна марказҳо беҳтаринҳо гирд оварда шаванд. Ба омӯзгороне, ки махсусан ба илмҳои дақиқ ва техникаву технология сарукор мегиранд, имтиёзҳои бештар додан лозим, ҳатто дар қиёс бо дигар фанҳо бояд маоши вазифавии омӯзгорони фанҳои дақиқ баланд карда шавад. Дувум, мактаби устоду шогирд аз давраи мактабӣ то муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз нав эҳё карда шавад. Ба ҷузъ аз олимпиадаҳо, ки ҳамеша мавсимӣ сурат мегиранд, бо ташаббуси мақомоти иҷроия, раёсати маориф озмуну мусобиқаҳо байни шаҳру ноҳияҳо доир карда шавад. Беҳтаринҳо ба Маркази дарёфи рушди истеъдодҳо ҷалб карда шаванд.

Ин ҳама аз куҷо сарчашма мегирад? Аз кӯдакистон, баъдан зинаи мактабӣ ва муассисаи олӣ. Бояд ҳар як хонанда мувофиқи шавқу завқаш омӯзонида шавад.

Яке аз василаҳои дастёб шудан дар самти тараққиёт ин, пеш аз ҳама, тафаккури техникии аҳли ҷомеаро бояд боло бардорем. Ин амал ҳанӯз 15 сол пеш – зимни эълони Соли фарҳанги техникӣ тарҳрезӣ шуда буд. Дар ин фосила даҳҳо барномаву стратегияҳои давлатӣ рӯйи кор омада, дар аксари муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ системаи идоракунии итттилоотӣ ҷорӣ гардид. Ҳоло дар бештари муассисаву ташкилотҳо иҷрои "ҳукумати бекоғаз" собитқадамона пеш меравад. Ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт бо пешниҳоди Пешвои муаззами миллат солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шуд.

Ин ташаббус барои пайванди инноватсия бо истеҳсолот такони бузурге хоҳад бахшид. Махсусан дар ҷодаи тарбияи мутахассисони барномасоз заминаҳои мусоид фароҳам меоварад.

Омили дигари таҳрикдиҳандаи афкори аҳли ҷомеа ин роҳнамоии падаронаи Пешвои миллат ба хурду бузурги кишвар аст. Яъне одамияти баланд, одобу ахлоқи ҳамида, эҳтироми падару модар, хоҳару бародар бояд дар зиндагӣ шиори ҳар як нафар бошад. Маҳз ҳамин хислати ҳамидаи инсонӣ аз таърихи қадимаву тамаддуни бойи мо дарак медиҳад. Имрӯз якчанд омилҳое ҳастанд, ки барои коҳиш ёфтани меҳру муҳаббат халал ворид мекунанд. Пеш аз ҳама, нафсоният, кибру ғурур, дур будан аз маърифат, таассубу хурофотпарастӣ мебошад. Дар баробари ин, ҷаҳони пуртазоду нооромии муосир, вазъи пешгӯйинашавандаи ҷаҳон моро водор месозад, ки аз таҳаввулоти босуръати сайёра ҳамеша огоҳ бошем, фарзандонамонро аз таъсири мафкураи радикаливу ифротӣ ва хурофотпарастӣ эмин нигоҳ дорем, барои ҳифзи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ҳамеша омода бошем.

Суханони пурҳикмати Пешвои муаззами миллат "Мо бояд мисли ҳамеша сарҷамъу муттаҳид бошем, Ватанамонро сидқан дӯст дорем, онро соҳибӣ кунем, ҳисси баланди миллӣ дошта бошем, аз тоҷик будани худ ифтихор намоем ва доим дар фикри фарзандони худ, хушбахтиву осойиши онҳо, ободии Ватан, миллат ва давлати хеш бошем. Ман ба ояндаи дурахшони Тоҷикистони маҳбубамон эътимоди комил дорам" бояд шиори ҳаррӯзаи мо бошад.

**Таҳмина ЮСУФӢ,**
**омӯзгори кафедраи иқтисодиёт ва менеҷмент,**
**Дилоромхон ТОҶИБОЕВА,**
**коромӯз-тадқиқотчӣ**

# ФЕСТИВАЛИ «САД РАНГИ ЧАКАН»



Дар Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара (ФДТТИ) бо ибтикори шуъбаи кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара бо мақсади баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстиву хештаншиносӣ, ифтихори миллӣ, қадру манзалати либоси миллӣ, суръату сифати тоза бахшидан ба истеҳсоли матоъҳои гуногуни миллӣ, аз қабили чакану чакандӯзӣ, сӯзанидӯзиву гулдӯзӣ, порадӯзӣ, инчунин муаррифии санъату ҳунари волои халқи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ фестивали «Сад ранги чакан» баргузор гардид.

Фестивали шаҳрӣ аз бахшҳои гуногун, аз ҷумла, намоиши либосҳои қадимаи чакан, либосҳои кӯдакона, либосҳои рӯзмарра, либосҳои маросимӣ ва идона, либосҳои расмӣ ва навъҳои гуногуни сӯзандӯзӣ иборат буда, аз ҷониби занону бонувон ва ҳунармандони шаҳр пешниҳод карда шуд.

Дар фестивал барномаи фарҳангӣ-фароғатӣ бо суруду тарона ва рақсҳои дилнишин дар иҷрои ҳунармандон, ки ҳар яке ифодагари санъату ҳунари волои тоҷикон ва нишонаи завқи баланди зебоипарастии миллати тоҷик буданд, пешкаши иштирокчиён гардонида шуд.

**Насибахон Шарипова**

# ТРЕНИНГИ ОМӮЗИШӢ



Аз рӯйи нақшаи қаблии аз тарафи ҳамоҳангсози лоиҳа Ирина Кулитане тарҳрезишуда се нафар устоди ФДТТИ дар доираи лоиҳаи "Донишгоҳи кушоди инноватсияҳо дар озуқаворӣ" (OFINU), №101128855 аз рӯйи барномаи Эрасмус +, Иттиҳоди Аврупо рӯзҳои 8-17-уми январ дар шаҳри Елгаваи Латвия дар бохдиди омӯзишӣ – мастер-класс иштирок намуданд.

Омӯзиш аз рӯйи 6 модул бо истифодаи дарк, таваҷҷуҳ, «ғори хотираҳо», фикррронӣ, эмотсия ба усулҳои нави таълим, аз қабили: усули Делфи, блитс, «нақш – бозӣ», саволу ҷавоб, истифодаи асбобҳои мусиқӣ дар дарс ва самаранокии истифодаи онҳо дар 6 модул ба роҳ монда шуд. Модули 6 омодасозии маҳсулоти ғизоии тарҳи нав бисёр шавқовар буд, зеро бе гӯшт тайёр намудани гӯштро дар озмоишгоҳ дар се вариант, ки аз лубиё, нонрезаҳои аз орди ҷуворимакка омодашуда, экструдат, омехтаи ҳанут барои маҳсулоти вегетарианӣ, тухми растании чиа иборат буд, гузарониданд.

Ҳамчунин ба корхонаи ҶСК «Dobeles dzirnavnieks» (маҳсулоти ғалладона), ки иқтидори истеҳсолии он 500 ҳазор тонна ғалладонагиҳоро ташкил медиҳад ва дар Латвия ягона мебошад, ташриф оварданд.

Тренинги омӯзишӣ бисёр самарабахш ва хотирмон буд.

**Зокирхоҷа СОЛИЕВ,**
**н.и.к., муовини директор оид ба илм, инноватсия ва равобити байналмилалӣ,**
**Сироҷиддин БОБОЕВ,**
**сардори шуъбаи таълим**

# ПЕШГИРИИ ОМИЛҲОИ НОМАТЛУБ

Дар ФДТТИ бо мақсади пешгирӣ, мубориза бар зидди терроризм ва тақвият бахшидани донишҳои сиёсиву ҳуқуқӣ вохӯрии намояндаи КДАМ Х.Имомов ва мудири шуъбаи занон ва оила Ф. Асламӣ бо устодону донишҷӯён баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ доир ба ҳассос будани вазъи ҷаҳон, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои мамнуъ, баргардонидани афроди гумроҳ, решакан кардани экстремизм ва терроризм ва сабукиҳо дар қонунгузорӣ барои нафарони пушаймоншуда маълумоти муфассал дода шуд.

Дар музокира шаҳрванди Исфара Сабохон Олимова, ки тӯли 3 сол дар давлати Сурия зиндагӣ кардааст, аз саргузашти пушаймонии худ ба ҳозирин нақл намуд.

Ҷавонон ва насли наврас бояд хуб дарк намоянд, ки сарҷамъӣ ва иттиҳод боиси пирӯзии мардум аст. Аз ин рӯ, ҳамагонро зарур аст, ки баҳри боз ҳам мустаҳкамтар гардонидани сулҳу субот, ободию шукуфоии кишвар ва ҳифзи марзу буми он содиқона хидмат намоем.

**Ҳабибаллоҳ ИСМОИЛОВ**

# ИФТИТОҲИ ОЗМОИШГОҲИ "ЗЕҲНИ СУНЪӢ"



Дар доираи супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳия ва васеъ истифода намудани технологияҳои муосир дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди мамлакат, инчунин аз қабул ва татбиқи Стратегияи миллии "зеҳни сунъӣ" бармеояд, бо ташаббуси кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва фанҳои дақиқ дар ФДТТИ озмоишгоҳи "зеҳни сунъӣ" кушода шуд.

Дар ин радиф, устодону донишҷӯёни кафедраи технологияи иттилоотӣ ва фанҳои дақиқ семинар-тренинги омӯзишӣ дар мавзуи "Рушди бонизоми зеҳни сунъӣ, рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ва технологияҳои инноватсионӣ" гузарониданд, ки дар он омӯзгорон О. Ғаниев, Р.Худойдодов, Р.Шерматова, Г.Атласова, И.Рустамзода ва А.Садриддинов сухангронӣ намуданд

**Исматҷон ПӮЛОДОВ**

# РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ ДАР ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР

Соҳаи маориф ва илм самти муҳимми сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, марҳила ба марҳила дар чараёни пешрафт қарор дорад. Маориф пояи асосии рушди инсоният ва ҷомеа ба ҳисоб рафта, фарҳанг ва арзишҳои миллиро нигоҳ ва баҳри баланд бардоштани шуурнокии инсоният нақши муҳим мебозад.

Дар ҳама давру замон пешрафти асосии ҷомеа ва давлат ин доштани ашхоси донишманду мутахассисони баландпоя мебошад. Сарвари кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ ба мавзуи тайёр ва омода намудани мутахассисони ботаҷриба, ва доштани саводи кофии тахассусии кадрҳо диққати ҷиддӣ доданд.

Дар чаҳони муосир, ки технологияи иттилоотӣ ва рушди илмӣ босуръат пеш меравад, албатта, ниёз ба мутахассисони боихтисос ва соҳибтаҷриба беш аз пеш эҳсос карда мешавад. Омода намудани кадрҳои баландихтисос ва ботаҷриба яке аз вазифаҳои муҳиме дар низоми маориф ва илм, инчунин дар бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

Барои омода намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи маориф ва илм, пеш аз ҳама, пурзӯр намудани ташкили коромузӣ ва таҷрибаомӯзӣ ва афзоиши ҳамкорӣ байни муассисаҳои таълимӣ ва соҳаҳои саноатӣ ба роҳ монда шуда, ба донишҷӯён ва мутахассисони ҷавон имкони татбиқ намудани дониши назариявӣ дар муҳити воқеиро ташкил намоем. Инчунин, барои боз ҳам баланд гардидани сифати таълим ташкил намудани семинарҳо, конфронсҳо ва вохӯриҳо бо мутахассисони ботаҷриба аз манфиати кор дур намебошад.

Омода намудани мутахассисони баландихтисос ва соҳибтаҷрии ба раванди бисёрҷабҳа буда, пайваста ҳамкориҳои муассисаҳои таълимӣ ва ҳам иштироки ташкилотҳои саноатиро талаб менамояд. Бо такмили барномаҳои таълимӣ, зиёд кардани таҷрибаомӯзӣ ва омӯхтани барномаҳои технологияҳои муосир, метавон кадрҳои баландихтисосро тарбия намуда, бозори меҳнатро бо мутахассисони рақобатпазир таъмин намуд.

Ҷомеае, ки ба рушди маориф аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад, метавонад дар ҳамаи соҳаҳо пешрафт намояд. Зеро ҳар як фарди рушанфикр медонад, ҷомеае, ки ба илм ва маориф такя мекунад, метавонадояндаи дурахшон ва устуворе дошта бошад.

Танҳо маориф ва илм ба афзоиши сатҳи маълумотнокӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар намудани шарту шароити зиндагии инсоният мусоидат менамояд.

Боиси ифтихор аст ки дастгириҳои Ҳукумат ва нигоҳи хушбинонаи Пешвои муаззами миллат баҳри пешрафт намудани соҳаи маориф ва илм равона гардида истодааст. Пешрафти ин соҳа на танҳо баҳри омода намудани кадрҳои баландихтисос мусоидат менамояд, балки барои тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар низ метавонад саҳми бузург гузорад. Ин ҳама дастгирӣ ва ҳавасмандгардониҳо, мо кормандони соҳаи маориф ва илмро ба он водор менамояд, ки баҳри омода намудани кадрҳои баландихтисос чаҳд ва талош варзем. Зеро дар чаҳони муосир танҳо мутахассисони соҳибмаълумот ва ботаҷриба метавонанд навовариҳоро дар соҳаҳои гуногуни мамлакат ворид намоянд.

**Моҳира БОЙНАЗАРОВА,**
**н.и.и, мудири кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинг**

## ФАРЗОНАФАРЗАНДОНИ МИЛЛАТ

# БУНЁДГУЗОРИ АДАБИЁТИ ТОҶИКУ ФОРС

Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакӣ бунёдгузори адабиёти тоҷику форс буда, бо тахаллусҳои "Одамушшуаро", "Султонушшуаро" ва "Соҳибкирони шоирон" маъруф аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китобашон "Чеҳраҳои мондагор" қайд карданд, ки "Барои мо – тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ифтихори бузург аст, ки бо қарори Юнеско соли 2008 ҷомеаи фарҳангии ҷаҳон 1150-солагии фарзанди арҷманди халқи тоҷик устод Абуабдуллоҳи Рӯдакиро таҷлил намуданд".

Инчунин дар китоби мазкур омадааст, ки устод Рӯдакӣ на танҳо поягузори адабиёти тоҷику форс, одамушшуаро, султони шоирон, кофиласолори шеър ва соҳибкирони шоирӣ, балки рамзи бедориву худшиносӣ ва истиқлолхоҳӣ, инчунин рамзи ҷовидонаи адаб ва фарҳанги миллати куҳанбунёди тоҷик мебошад.

Дар ҳақиқат бунёдгузори адабиёти тоҷику форс Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакӣ хизматҳои шоён доранд, ки инро олимони барҷастаи адабиётшинос, аз қабили устод Садриддин Айнӣ, Саид Нафисӣ, Шиблии Нуъмонӣ, Эдуард Браун, Абдулғанӣ Мирзоев, Аълохон Афсаҳзод ва дигарон исбот кардаанд.

Рӯдакӣ бузургтарин шоир ва султонушшуарои дарбори Сомониён буд ва мумкин аст ҳангоми ҳукмронии Амир Аҳмади Сомонӣ ба дарбор омада бошад, аммо замони зиндагии шоир дар дарбор ба давраҳои ҳукмронии Амир Наср бинни Аҳмад Сомонӣ мусодиф мебошад. Ин амир таваҷҷуҳи зиёде ба шоир дошт ва ба пайравӣ аз ӯ ашрофи дарбор ба Рӯдакӣ иқболи тамом доштанд ва суханни шоир дар ин даргоҳ қабули том дошт.

Ҳамзамон, вазири донишманди Сомониён Абулфазли Балъамӣ ба Рӯдакӣ эътиқоди калон доштааст, ки ба ақидаи Самъонӣ ӯро дар байни шоирони арабу аҷам беназир дониста, ба Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакӣ ҷоизаҳои фаровон мебахшиданд.

Илова бар ин, тибқи маълумотҳои маъхазҳо ва таҳқиқи муҳаққиқон Рӯдакӣ аз сермаҳсултарин ва пурсамартарин шоирони олам буда, шеъри ӯ низ монанди қудрати суханварӣ ва ҳунармандиаш вирди забони аҳли шеъру адаб гаштааст. Рашидии Самарқандӣ шоири асри XII гувоҳии шоири сермаҳсулро чун Рӯдакӣ ба таври зайл баён намудааст:

**Гар сарӣ ёбад ба олам кас**
**ба некӯшоирӣ.**
**Рӯдакиро бар сари он шоирон**
**зебад сарӣ.**
**Шеъри ӯро баршумурдам сездаҳ**
**раҳ сад ҳазор,**
**Ҳам фузун ояд агар чунон ки**
**бояд бишмарӣ.**

Хизматҳои шоёни Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакӣ хеле зиёд аст, пеш аз ӯ ва дар асри Х шоирону нависандагон зиёд буданд, лекин Рӯдакӣ аввалин шуда дар бораи дӯстӣ, хираду дониш, дар масъалаҳои ахлоқию инсонӣ ва бо забони тозаи тоҷикӣ эҷод кард, сухан гуфт ва шеър навишт.

Якум хизмати босазоии ин марди бузург дар он аст, ки на танҳо дар ташаккули шаклҳои жанрии адабиёти мо ва равнақи минбаъдаи он асос гузошт, балки бо эҷодиёти рангину доманфароҳи худ дар ташаккули забони адабии хатти миллии мо хизматҳои арзишманд кард. Ӯ нахустин шоире буд, ки бо форсии нав – яъне форсии дарӣ – тоҷикӣ эҷод намуд, забони тоҷикиро аз калимаҳои



арабӣ суфта карда пояҳои забони тоҷикиро устуворӣ бахшид.

Дуюм хизмати шоён ва бузургии Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакӣ баҳри дӯстӣ эҷодиёто ба роҳ мондан буд. Ӯ дӯстӣ ва рафоқатро барои зиндагии одамон эҳтиёҷи табиӣ мешуморад. Ҳамзамон устод дӯстии ҳақиқӣ ва беғаразро мепарастад.

Сеюмин хизмати шоёни устод ин равона сохтани эҷодиёти хеш ба хираду дониш аст. Шоири хирадманд таъкид менамояд, ки хирад дар ин ҷаҳон раҳнамои шахс аст. Шахси бехирад ҳамеша ғамгину аз кори кардааш пушаймон аст.

Чаҳорумин хизмати шоёни устод ин масъалаҳои ахлоқии инсон, воло донистани рафтору кирдори ҳамидаи шахс, барои афзалтар кардани он равона гардидааст. Маҳз тарбия дар осори устод Рӯдакӣ тариқи зоҳирӣ ва сурат набуда, бо далелу бурҳон аз заминаи ҳаёти воқеии мардум замина мегирад. Устод дар эҷодиёташон ба чашми ибратбин менигарад ва бартарию хизматҳои ҳамидаро тараннум ва ситоиш менамояд. Мардумро огоҳ аз он менамояд, ки ҷавонон бояд аз рафтору кирдору пиндори нек огаҳ буда, аз фикри бад дур бошанд, ва аз фарҷоми бади он оммаро огоҳ менамояд:

**Чун теғ ба даст орӣ мардум**
**натавон кушт**
**Наздики худованд бадӣ**
**нест фаромӯшт.**

Шоир ба мардум огоҳӣ ва хушдорӣ медиҳад, ки ҳадафи дар панҷа доштани теғ қатли мардумон набуда, барои иҷрои амалҳои неку фоидаовар мебошад.

Танҳо ин хизматҳои шоёни Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакӣ ӯро машҳур гардонида чун бунёдгузори адабиёти тоҷику форс гардонид.

Дар фарҷоми сухан гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба хотир оварда гуфтанием:

"Бигзор, дар ҳар иқдоми хайри мо рӯҳи Рӯдакии бузургвор ёру мададгорамон бошад! Бигзор, кохи шеъри пайафкандаи Рӯдакӣ то абад бегазанд бошад! Бигзор, шеъри ҷовидонаи Рӯдакӣ ҳамчун сарҳалқаи заррини назми оламгири тоҷику форс раҳнамои зиндагии босаодати мардуми мо гардад!"

**Алишер СОБИРҶОНОВ,**
**мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон н.и.и.. и.в., дотсент**

# МОДАР-НАХУСТУСТОДИ ФАРЗАНД



Модар барои ҳар як шахс нахустин устод ва азизтарин шахс дар ҳаёти ӯ маҳсуб меёбад. Ҳамагон медонем, ки нахустин қадам ва нахустин суханро бо модарамон меомӯзонад. Бесабаб нест, ки дар тамоми ҷаҳон рӯзи 8-уми мартро ҳамчун рӯзи модарон ва занону бонувон бошуҳӯҳ таҷлил мекунанд.

Модар, нақш ва манзалати ӯ дар ҳаёти инсоният аз ҷониби шоирону нависандагон ва олимону донишмандони халқу миллатҳои гуногуни олам ба таври фаровон самимона васфу тасвир гардидааст.

Хирадманде мегӯяд, "Модар зеботарин калимаест, ки инсон ба забон овардаст. Модар ягона муъҷизаи худованд аст, ки ҳатто марг наметавонад моро аз ӯ ҷудо кунад". Дар ҳақиқат қалби модар худуди беинтиҳои меҳру муҳаббат ва ғамхорӣ аст.

Ин мавҷуди муқаддас дар тули умри худ бори гарони зиндагӣ ва тамоми вазниниҳои рӯзгорро аз тарбияи фарзанд сар карда, то танзиму сариштаи ҳаёти оила ба дӯш дорад.

Бо муҳаббату самимият ва дӯстдориву қадршиносӣ таҷлил намудани Рӯзи модар гувоҳи он аст, ки давлату ҳукумат ва ҷомеаи кишвари мо қадру манзалати зан-модарро гиромӣ ва азиз медоранд. Бонувон дар баробари ба дӯш доштани нигоҳубин ва тарбияи фарзандон, имрӯзҳо дар вазифаҳое кору фаъолият мекунанд, ки масъулияташ осон нест.

Имрӯзҳо бо дастгириву ғамхориҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон занону бонувони тоҷик дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла соҳаҳои маориф, тандурустӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кору фаъолият намуда, баҳри пешрафти кишвари азизамон саҳми назаррас гузошта истодаанд.

**Манзура ҚАЮМОВА,**
**корманди Китобхонаи илмӣ-электронии ДТТ**

**Бистсолаи (2020-2040) омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф**

# ЗАМИНАГУЗОРИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ФАНОВАРӢ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ зина ба зина барои амалишавии ҳадафҳои стратегии рушди кишвар қадамҳои устувор гузошта, баҳри якпорчагии сулҳу субот, таъмини некуаҳволии шаҳрвандон, аз шакли агросаноатии рушд ба саноатию аграрӣ гузаштан саҳми бориз дорад.

Аз ин рӯ, ба хотири бехтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон карда шуд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки иқдоми Пешвои миллатро шаҳрвандони кишвари маҳбубамон, аз ҷумла кормандони муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилот ҷонибдорӣ ва сармашқи кори худ намуданд. Ин иқдом ба рушди тафаккури техникӣ ва тавсеаи ҷаҳонбинии илмии ҷомеа такони ҷиддӣ бахшид.

Мусаллам аст, ки асоси фанҳои дақиқро математика ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, бехтару хубтар омӯзондан ва дар сатҳи олӣ таълим додани ин фан хеле зарур аст. Дар замони имрӯза математика дар пешравии фанҳои табиӣ ва гуманитарӣ ҳиссаи арзанда дорад. Бисёр кашфиёти бузург дар соҳаи фанҳои табиӣ маҳз бо усулҳои математикӣ ба даст оварда шудаанд. Математика тафаккури мантиқиро дар инсон инкишоф медиҳад. Даргоҳи аслии маърифати зеҳнӣ – муассисаи таълимӣ мебошад. Маҳз муассисаи таълимист, ки ба мо инсонҳо роҳеъ ба ҳамаи манбаъҳои ҳаёт маълумот дода, ба ин васила донишамонро бештару қавитар мегардонад.

Воқеан, ҷаҳони имрӯзаро бе рушди илмҳои дақиқ ва табиӣ тасаввур кардан номумкин аст. Чунонеки Пешвои муаззами миллат дар вохӯрӣ бо зиёиёну кормандони соҳаи илму маориф (18.03.2020) таъкид намуданд: «Имрӯз бе илму инноватсия, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии техникӣ қадаме ба пеш гузошта намешавад». Пас дар омӯхтани фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ чунин асроре ниҳон аст: омӯхта ва аз худ кардани илмҳои дақиқ асоси инкишофи тафаккуру фаҳмиши мантиқии инсоният, қавию устувор шудани ҳиссиёти ақлонию эҷодӣ, ба вуҷуд омадани қобилияти омӯзиш, хотира ва зеҳни қавӣ, васеъ шудани ҷаҳонбинии илмӣ, қадами ҷиддӣ ва устувор гузоштан барои рушди кишвар дар арсаи ҷаҳон маҳсуб мешавад.

Имрӯз илм пешбарандаи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии инсон буда, таҳлили ҳамаҷонибаи соҳаҳои мухталифро дар бар мегирад. Дар иқтисоди имрӯзаи ҷаҳон соҳаҳои саноат нақши муҳим дошта, асоси онро неруи зеҳнии инсонӣ ва дастовардҳои илмӣ ташкил медиҳанд. Дар замони имрӯза давлате тараққикарда ва пешрафта ба ҳисоб меравад, ки дар он илм ва дастовардҳои илмӣ дар ҳамоҳангӣ бо соҳаҳои саноат рушд карда бошад.

Эълон гардидани "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" шароит фароҳам меорад, ки дар давоми 20-солаи оянда таҳкурсии қавии илмҳои табиию риёзӣ дар кишвар ба вуҷуд омада, тафаккури математикӣ ва техникию технологии ҷомеа ба дараҷае боло равад, рушд намояд ва дар ин замина насли нави дорои тафаккури табиию риёзидошта ба воя расад ва бо донишҳои муосири ин илм мусаллаҳ шавад.

Ҳамасола бо мақсади амалисозии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф", озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм-фурӯғи маърифат» таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда мешавад. Ҳадаф аз баргузории чунин озмунҳо инкишофи тафаккури техникӣ, ташвиқи ҷаҳонбинии илмӣ, имконият пайдо кардан ба техникаву технология, пайвасти илм бо истеҳсолот ва ихтироъкорию навоварӣ миёни хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои дақиқ табиӣ ва риёзӣ, ҳамчунин дарёфт ва муаррифии истеъдодҳои нав дар ин самтҳо мебошад.

Масъалагузориҳои Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марбут ба ҳадафи чоруми миллӣ, яъне «Саноатикунонии босуръати кишвар» ва амалигардонии ҳадафи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» мебошад, ки дар ин замина Донишгоҳи технологии Тоҷикистон чорабиниҳои зиёдро, аз ҷумла озмуни «Беҳтарин ихтироъкор ва лоиҳаи инноватсионӣ», конференсияҳои илмӣ, мизҳои мудаввар ва тахти омӯзгорони варзида пайваста корҳои илмӣ-тадқиқотӣ байни донишҷӯён, магистрантон ва омӯзгорони ҷавонро бо ҷалби ширкатҳои ватанӣ, бо мақсади ҳавасмандгардонии онҳо роҳандозӣ менамояд.

Баҳри амалӣ намудани дастуру пешниҳодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат мо – омӯзгорони факултети муҳандисӣ-технологӣ кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки илмҳои фановариро рушд бидиҳем ва парчами илму маърифат, яъне шукӯҳу шаҳомати илми тоҷикро на танҳо дар кишвар, балки дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баландтар бардорем.

**Ҳангома Абдуллоева,**
**омӯзгори кафедраи технологияи истеҳсоли маводи хӯрокаи факултети муҳандисӣ-технологӣ**

# ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ВА ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ ОН

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2025-2030-ро "Солҳои иқтисоди рақамӣ ва инноватсия" эълон намуданд. Дар робита ба ин, Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда шуданд, ки иҷрои саривақтӣ ва босифати барномаву нақшаҳои қабулгардидаро таъмин намуда, дар ин замина, рушди иқтисодии кишварро дар соли 2025-ум доир ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ташаккули "иқтисоди сабз" рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Сарвари давлат инчунин таъкид намуданд, ки ба масъалаҳои рушди сармояи инсонӣ, тақвияти иқтидорҳои истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатнок бо арзиши баланди иловашуда, пайванди илм бо истеҳсолот ва ташаккул додани иқтисоди ба дониш, ихтироъкориву навоварӣ асосёфта тавачҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад. Ташаккул додани маърифати молиявии шаҳрвандон ва баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ ҳамчун як омили асосии татбиқи самараноки сиёсати андозу буҷет, аз ҷумла дар масъалаи гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ, барои ноил гардидан ба устувории молиявии давлат ва рушди иқтисодӣ нақши муҳим дорад.

Чанд даҳсола пеш ҷаҳон ба асри рақамӣ ворид шуд ва маҳз аз ҳамон лаҳза инқилоби рақамӣ оғоз ёфт. Аллакай, аз охири асри XX технологияҳо босуръат инкишоф ёфта, тарзи муқаррарии зиндагии одамонро тағйир медиҳанд. Соҳаҳо ва касбҳои нав ба вуҷуд меоянд. Ин дигаргуниҳо дар соҳаи иқтисодиёт низ дар канор намонд. Рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити рақобат байни кишварҳо ва истеҳсолкунандагони гуногун, зарурати кам кардани хароҷоти молу хизматрасонӣ ва «пазиш»-и технологияҳои инноватсионӣ падидаеро ба вуҷуд овард, ки бояд номе дошта бошад, ки моҳияти дигаргуниҳои баамаломадаро инъикос намояд.

Мо иқтисодиётро фаъолияти одамон дар истеҳсол, тақсим ва истеъмоли неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ мешуморем. Аз ин рӯ, фаҳмидан лозим аст, ки дар фаъолияти одамон таҳти таъсири технологияҳои рақамӣ чи гуна тағйиротҳо ба амал омаданд. Дар худи иқтисод параметрҳоеро ёфтан лозим аст, ки маҳз дар зери таъсири технологияҳои рақамӣ пайдо шудаанд. Ин параметрҳо метавонанд меъёрҳои фарқ кардани иқтисодиёти рақамӣ аз иқтисодиёти муқаррариро муайян намоянд. Иқтисоди рақамӣ баъзе тамоюлҳоеро, ки дар муддати тӯлонӣ рушди иқтисодиро ташаккул додаанд, ба таври назаррас тағйир дод. Агар чунин омили истеҳсолотро ҳамчун сармоя ба назар гирем, он гоҳ тағйироти калони фондҳоро қайд кардан мумкин аст. Онҳо бо агрегатҳои автоматии идоракунӣ дар асоси технологияи рақамӣ ҷиҳозонида шудаанд. Ин маънои онро дорад, ки бо мурури замон воситаҳои меҳнат пай дар пай такмил ёфта, мураккабтар мешаванд.

Илова бар ин, талабот ва тахассус ба дониши таҳиягарони дастгоҳҳои рақамӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Ҳамин тариқ, агар дар давраи пеш аз иқтисоди рақамӣ як вектори рушди қувваи корӣ мавҷуд буд, пас имрӯз мо шоҳиди он ҳастем, ки даҳҳо қувваҳои корӣ дар ҳар як корхонаву идораҳо ба тариқи интернет фаъолият доранд. Иқтисоди рақамӣ танҳо дар марҳилаи аввали рушди худ қарор дорад. Аммо, аллакай имрӯз кишварҳое, ки сатҳи баланди воридшавии иқтисодиёти рақамӣ доранд, дар бораи оқибатҳои эҳтимолии манфии иқтисодӣ ва иҷтимоии фикр мекунанд.

Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст. Маҳз бо мақсади вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2025-2030-ро "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия" эълон намуданд.

**Егор Гудименко,**
**докторанти курси 2-юми ихтисоси 6Д072700-и факултети муҳандисӣ-технологӣ**

# ОМОДАГӢ БА ОЗМУНИ ШАҲРИИ "ЗАБОН ДОНӢ - ҶАҲОН ДОНӢ"

Наврӯз ҷашни покӣ, меҳрубонӣ ва дӯстӣ мебошад, ки ниёгони мо онро аз қаъри ҳазорсолаҳо ба мерос гузоштаанд. Дар ин иди бузург тамоми мардум ба якдигар сулҳу оштӣ, оромӣ ва бахту саодатро таманно намуда, кинаву адовати дар дилашон бударо, аз дилҳо дур менамоянд.

Бо омад-омади ин ҷашни дилафрӯз дар Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи инноватсионии Душанбе" - и назди ДТТ як қатор озмунҳо гузаронида шуданд. Аз ҷумла, дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №438, аз 30 августи соли 2019 бо мақсади иҷрои Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ, баҳри ҳавасмандгардонии хонандагон ба забономӯзӣ, сайқал додани заковат, малакаи забондонӣ, инкишофи зеҳнӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон, дарёфт ва истеъдодҳои нав дар ин самтҳо озмуни шаҳрии "Забон донӣ – ҷаҳон донӣ" доир карда шуд. Аз байни хонандагон нафароне, ки шартҳои озмунро иҷро карда тавонистанд, ба даври дуюм (ноҳиявӣ) роҳхат гирифтанд. Озмун аз рӯи шартҳои зерин гузаронида шуд:

– маҳорати суханварӣ (бо се забон);
– эссе (бо се забон);
– қироати шеър (бо се забон);
– имло (имлои дурусти калима дар матн);
– тарҷума (пешниҳоди матни бадеии забони тоҷикӣ ба забонҳои русӣ ва англисӣ).

Хонандагони зерин аз уҳдаи шартҳои озмун бомуваффақият баромада, сазовори ҷойҳои намоён гардиданд:

1. Норинбобоева Робия синфи 10 г – ҷойи 1
2. Шарипова Сумая синфи 10 в – ҷойи 2
3. Ҳамдамова Омина синфи 11 а – ҷойи 2
4. Худойбердиова Салима синфи 10 г – ҷойи 3
5. Икромов Муҳаммад синфи 8 д - ҷойи 3
6. Содикова Зухро синфи 7 г – ҷойи 3

Хонандагони дар озмун ғолибомада аз ҷониби маъмурияти литсей дар тантанаи ҷашни Наврӯз бо Ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд .

Бо боварӣ метавон гуфт, ки хонандагони Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи инноватсионии Душанбе" - и назди ДТТ дар даври дуюми озмун (ноҳиявӣ) низ донишу маҳорати баланд нишон дода, ҷойҳои ифтихориро сазовор мегарданд.

**Моҳира АБРОРОВА, омӯзгори фанни забони давлатии "Литсейи инноватсионии Душанбе" - и назди ДТТ**

# 11-УМИ МАРТ БА ТАЪСИСЁБИИ РӮЗИ МАТБУОТИ ТОҶИК 113 СОЛ ПУР ШУД

«Таҷрибаи Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки рӯзномаву маҷаллаҳо ва телевизиону радио ҳамчун яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа метавонанд ба ҳалли мушкилоти мавҷуда фаъолона мусоидат намоянд. Зеро ҷомеа ба ахбор доир ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва умуман ҳамаи шохаҳои ҳокимият ниёз дорад, ки ин яке аз аслҳои бунёдии ҷомеаи озоди демократӣ аст».

Эмомалӣ Раҳмон

## ЖУРНАЛИСТ

Офтоб аст, олами анвор дорад журналист,
Бо тамоми халқи олам кор дорад журналист.
Журналистӣ бо чароғи дил ҷаҳонро дидан аст,
Журналистӣ хондану фаҳмондану фаҳмидан аст.
Журналистӣ бофаросат гуфтану бишнидан аст,
Ҳафт раҳ чен карда, як раҳ бо хирад бибридан аст.
Журналистӣ дар ҳама ҳангома нотарсидан аст,
Лек ҳангоме намедонӣ, яқин пурсидан аст.
Журналистӣ дар вуҷуди мурда ҷон бахшидан аст,
Офтобосо ба чашми халқи худ рахшидан аст.
Ҷуръату номусу нангу ор дорад журналист,
Бо тамоми халқи олам кор дорад журналист.
Журналистӣ нест макру ҳиллаву найрангу фанд,
Журналистӣ нест овардан ба инсоне газанд.
Журналистӣ нест баҳри манфиат кизбу дурӯғ,
Журналистӣ нест гаштан пушти кори бефурӯғ.
Журналистӣ нест иғвову дасиса, шӯру шар,
Журналистӣ нест овардан ба ҷамъият зарар.
Журналистӣ нест нон хӯрдан зи пушти ҳамди беш,
Журналистӣ нест сар додан лаҷоми нафси хеш.
Дасти поку хулқи нотакрор дорад журналист,
Бо тамоми халқи олам кор дорад журналист.
Журналистӣ касби нумри як бувад андар ҷаҳон,
Ҳеҷ кирдоре зи чашми ӯ намемонад ниҳон.
Журналистӣ бештар донистан аст, аз ҳар ҷиҳат,
Дарду доғи халқро ӯ бо қалам созад сиҳат.
Журналистӣ поквиҷдон, покимон будан аст,
Халқро осуда гардонида, худ н – осудан аст.
Журналистӣ ифтихор аст, ифтихор аст, ифтихор,
Инчунин касби муқаддасро набояд кард хор!
Гарчи андар қалби худ сад хор дорад журналист,
Бо тамоми халқи олам кор дорад журналист,
Журналист аст он ки дониш дораду ақлу хирад,
Ӯ набояд пардаи номуси ҳар инсон дарад!
Журналист аст он, ки ҳаст одобу гуфтораш фасеҳ,
Нест ҳаргиз журналист, оне, ки мегӯяд қабеҳ.
Журналист аст он, ки дорад чашму қалбу лафзи пок,
Килки ӯ нопокию нопокро созад ҳалок.
Журналист асло набошад, бадмарому бадният,
Бояд ӯ хизмат кунад як умр бар инсоният!
Қалби равшан, ҷони оташбор дорад журналист,
Бо тамоми халқи олам кор дорад журналист!

ХАЙРАНДЕШ

# ЧАКАН – МЕРОСИ БЕНАЗИРИ ТОҶИКОН




**Дар толори асосии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамоиши ҷумҳуриявӣ тахти унвони “Чакан – мероси беназири тоҷикон” баргузор гардид.**

Қабл аз оғози ҳамоиш муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлат Сафар, муовини раиси ноҳияи Фирдавсӣ Шукурзода Саодат, директори нашриёти “Адиб” Раҳмоналӣ Мирализода, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҷонибек Асрориён, директори Осорхонаи мардумшиносии назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Тутинисо Ашурматова, сардори шуъбаи муссисаҳои илмӣ - таълимии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилафрӯз Шарифова, намояндаи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбӣ Мухбирахон, муовини ректор оид ба илм ва татбиқот Яминзода Заррина Акрам, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ Шарифзода Исомуддин Умар ва дигар роҳбарони сохторҳои донишгоҳ бо намунаҳои офаридаҳои устодону донишҷӯёни факултети технология ва дизайни донишгоҳ дар самти тарроҳиҳои муосири чакан ва атласу адрас, кашидадӯзӣ ва дигар ҳунарҳои миллӣ, ки ба маърази тамошо гузошта шуда буданд, шинос гардиданд.

Сипас, муовини ректор оид ба илм ва татбиқот Яминзода Заррина Акрам иштирокчиёни ҳамоишро бо омад-омади фасли баҳор ва Наврӯзи хуҷастапай табрик намуда, аз саҳми беназири Пешвои миллат, Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бобати ба феҳристи мероси ғайримоддии фарҳангии ЮНЕСКО ворид гардидани либоси миллии мо тоҷикон, яъне чакан ёдовар шуд ва афзуд, ки донишгоҳ тахти роҳбарии ректори он Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ба ҷиҳати эҳёи мероси фарҳангӣ, махсусан санъати чакан, таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, омода аст барои таҳқиқ ва рушду нумӯи ин ҳунари волои мардуми кишварамон саҳмгузорӣ намояд.

Муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон - Давлат Сафар зимни суханронӣ ёдовар шуд, ки 29-уми ноябри соли 2018 дар ҷаласаи солонаи Кумитаи ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО чакан ба Феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии башарият шомил карда шуда, дар сомонаи ЮНЕСКО чунин муаррифӣ гардидааст: «Чакан як навъи гулдӯзии миллӣ дар матоъҳои пахтагӣ ва абрешимӣ аст, ки бештар дар байни занону духтарони тоҷик ривоҷ ёфтааст”.

Дар суханрониҳои меҳмонон-Раҳмоналӣ Мирализода, Ҷонибек Асрориён, Тутинисо Ашурматова ва Аюбӣ Мухбирахон доир ба аҳаммият, таърихи пайдоиш ва кашфи бозёфтҳои боқимондаи чакан, рушду такомули он дар замони Истиқлолияти мамлакат ва ифтихор аз ба бар кардани либоси миллӣ ва тарғибу ташвиқи он ибрози андеша карда шуд.

Дар фарҷоми ҳамоиш барномаи фарҳангӣ-фароғатии ансамбли “Зуҳал” ва намоиши муд, ки аз ҷониби тарроҳону гулдухтарони факултети технология ва дизайни донишгоҳ омода гардида буд, хотири ширкаткунандагонро болида гардонид.

# ТАТБИҚИ “БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА КАБУДИЗОРКУНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2040”

Дар партави сиёсати ободкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи “Барномаи давлатӣ оид ба кабудизоркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040”, ки марҳалаи якуми он солҳои 2025-2027-ро дар бар мегирад, бо ибтикори Раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар Ҷамоати деҳоти Чоряккорони ноҳияи Рӯдакӣ, тибқи ҷадвали тақсимоти қитъаҳои замин ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳудуди шаҳри Душанбе муқаррааргардида, маъракаи ниҳолшинонӣ доир гардид.



Дар маъракаи ниҳолшинонӣ ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, муовинони ректор, деканони факултетҳо, мудирони кафедраҳо ва омӯзгорону донишҷӯён фаъолона иштирок намуда, дар ҳудуди 1,2 га масоҳати муқаррааргардида, бо дарназардошти меъёрҳои агротехникӣ беш аз 1000 бех дарахтони сояафкану ороишӣ шинониданд.

Тибқи барномаи зикргардида дар марҳалаи якум дар ҷумҳурӣ беш аз 10 миллион бех ниҳолу бутта шинонида мешавад.

Х. ҲАСАНЗОДА

Фановар
МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
САРМУҲАРРИР
Раҷабалӣ Шарифов

Ба ҳафтанома муаллифон метавонанд бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавод пешниҳод намоянд.

Ҳайати таҳририя:
Раҳмонзода З.Ф., Насриддинзода М. М., Яминзода З.А., Икромӣ Х.И., Тошматов М.Н., Сафарзода Ғ. Ғ., Ғаффорзода Ф.М., Шарифзода И.У.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3

Ҳафтанома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Ҳафтанома 27 декабри соли 2023 тахти № 409/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба ҳисоб гирифта шудааст.

Ҳафтанома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 3000 нусха